**Асоснокунии молиявӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии**
**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015»**
**ва Нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2016-2017**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2016-2017 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014 таҳти рақами 1-ф ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 - 2017”, таҳия гардидааст.

Дар таҳияи Буҷети давлатӣ пеш аз ҳама афзалиятҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014, вохӯриҳояшон бо намояндагони аҳли ҷомеа қайд гардидаанд ва инчунин вазифаҳое, ки аз Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2018, Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 ва дигар қарору барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, пешниҳоди аъзоёни Маҷлиси Миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дархостҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Сиёсати Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамӯҳлат ба мақсади дар амал тадбиқ намудани сиёсати Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама амалӣ намудани афзалиятҳои стратегии муҳими давлатӣ, аз ҷумла

раҳоии кишвар аз бумбасти коммуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, бехатарии озуқаворӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини бехатарии давлат равона гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015" ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2016-2017, дар асоси гурӯҳбандиҳои иқтисодӣ, вазифавӣ, идоравӣ, минтақавӣ ва манбаъи маблағгузорӣ таҳия гардида, дар доираи он даромадҳои буҷет аз рӯи воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ инчунин хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ба танзим даровarда шудааст.

Самтҳои асосии даромади Буҷети давлатӣ пеш аз ҳама дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет" ва дигар санадҳои меъёрӣ, ки даромадҳои буҷетиро ба танзим медароранд, муайян карда шуда, дар он низоми андозбандӣ ба мақсади дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ тавассути бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва таъмини шаффофияти андозбандӣ, оммафаҳм ва содда намудани тартиби пардохти андозҳо, баҳисобгирии пурраи манбаъҳои андозбандӣ ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои рӯйпӯшкунии андозҳо ва дар ин замина устувор намудани даромади буҷет, равона гардидааст.

Сиёсати хароҷоти Буҷети давлатӣ, пеш аз ҳама ба мақсади рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сифати некӯаҳволӣ, таъмини бехатарии давлат ва бехатарии озуқаворӣ, баланд бардоштани сифати таълим, хизматрасонии иҷтимоии давлатӣ, таъмини маблағгузории соҳаҳои маориф, тандурустӣ, мақомоти идоракунӣ ва бехатарии давлатӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла нақлиёт, энергетика, хоҷагии қишлоқ беҳтар гардонидани саломатии аҳолӣ ва ғайраҳо равона карда шудааст.

Фарқияти асосии қонуни мазкур аз солҳои пештара он аст, ки хароҷоти вазорату идораҳо ва ташкилотҳои аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда аз рӯи гурӯҳбандии нави иқтисодӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин меъёри андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба андозаи 50 фоиз кам карда шуда, ин нишондиҳанда дар соли 2015-ум 1 фоизро ташкил медиҳад ва дар соли 2017-ум бошад ин намуди андоз пурра аз байн бурда мешавад.

Маълумоти муффасал оид ба самтҳои асосии даромад ва хароҷоти Буҷети давлатӣ барои солҳои 2015 - 2017 дар тавзеҳот оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015" ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2016 - 2017 оварда шудааст.

**Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**